# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.11.2024, №81

Барои сазовор донистани Ҳусайнова Фарида Бозоровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №22/шд) 4-уми июли соли 2024, суратҷаласаи №76 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнова Фарида Бозоровна 5-уми майи соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2014 лаборанти кафедра ва аз соли 2015 то ин замон ба ҳайси муаллими забони англисии кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Аз 19-уми сентябри соли 2015 то 29-уми майи соли 2018 ӯ ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)-ии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Холиқзода Айниддин.**

**Муқарризони расмӣ**: **Баротзода Файзиддин Камолиддин**, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович**, номзади

илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, эксперт – доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсенти кафедраи мазкур Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб, котиби илмии ҷаласа – муаллими калони кафедра Қадамсаидов Соҳибназар Мавлоназарович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна таҳти унвони «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Сохти феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 92-96.

[2-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар масири таърих / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 114-121.

[3-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи миёнаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 173-176.

[4-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи муосир дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 169-174.

[5-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Шахси сеюми феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Кӯлоб, 2021. – № 1 (25). – С. 226-234.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Намудҳои феъл аз рӯйи сохт дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф. Б. Ҳусайнова // Маводи конфронси байналмилалии «20-солагии Ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2017 – Соли ҷавонон дар мавзуи «Рушди илм, инноватсия ва технологияҳо – асоси таъмини гузариш аз минтақаҳои аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ» ва дар доираи конференсия сеюмин форуми илмии байналмилалии «Ҷавонон – неруи зеҳнии рушди кишвар» (ДТМИК, 29-30 майи соли 2017). – Душанбе, «Промэкспо», 2017. – С. 45-47.

[7-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими он». (ДМТ, 15 феврали соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 129-137.

[8-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Забонҳои форсӣ-тоҷикии бостон ва англисии бостон дар ифодаи категорияи шахсу шумораи феъл ва истифодаи он дар замони муосир / Ф.Б. Ҳусайнова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2019. – № 2 (23). – С. 89-94.

[9-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Вижагиҳои сохторӣ-маъноии шахси дуюми феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.Б. Ҳусайнова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (ДДК, 11-14 апрели соли 2023). – Душанбе. – С. 348-350.

[10-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумора дар тарзҳои феъли забонҳои муқоисашаванда / Ф.Б. Ҳусайнова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Усулҳои такмили таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи амалии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (ДДК, 22 декабри 2023). – Кӯлоб, 2023. – С. 89-91.
[11-М]. Ҳусайнова, Ф.Б. Категорияи шахсу шумора дар сиғаҳои феъли забонҳои муқоисашаванда / Ф.Б. Ҳусайнова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши онҳо дар шароити муосир» (ДБЗХТ, 25 январи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 65-68.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Сафарова Рухшона Бегназаровна** мусбат буда, дар он қайд мешавад, ки:

1. Дар матни автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ҷой доранд.

2. Дар с. 26-и варианти русии фишурда калимаи «категориии» як ҳарфи «и» барзиёд омадааст.

3. Дар рисола иқтибосҳо бо рақам нишон дода шудааст, аммо дар автореферат иқтибосҳои бадеӣ бо номи муаллиф, соли нашр ва саҳифа омадааст.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара **Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он эродҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар истифодаи истилоҳҳо принсипи ягонаи илмӣ риоя нашудааст (масалан, дар як ҷо «тоҷикӣ-англисӣ», ҷойи дигар «англисӣ-тоҷикӣ», дар як ҷо «предметӣ», дар ҷойи дигар «ашёӣ», дар баъзе ҷойҳо «категорияи шахсу шумора», дар дигар ҷойҳо «категорияҳои шумора ва шахс» омадааст);

2. Ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ низ дида мешаванд, дар с. 8 калимаи «фарқии» мавҷуд аст, «фарқи» буданаш лозим.

**3. Тақризи** номзадҳои илмҳои филологӣ, мудири кафедраи ИНШХ-и забони русии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Элназаров Баҳодур Давронович** ва дотсенти кафедраи

умумидонишгоҳии забони тоҷикии донишгоҳи мазкур **Одинаев Абдуманон Иброҳимович** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар саҳ. 3-4-и автореферати тоҷикӣ аз забоншиносон П.Ҷамшедов, М.Б. Нағзибекова ва А.Тошов иқтибосҳое ба забони русӣ оварда шудааст, ки зикри тарҷумаи тоҷикии онҳо ба мақсад созгор буд;

2. Дар қисмати «Сарчашмаи мисолҳои таҳқиқ» китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Э. Раҳмон ҳамчун асари бадеӣ зикр шудааст, ки нодуруст мебошад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навовариҳои онро таъкид намуда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- **асоснок гардидааст**, ки дар забонҳои тоҷикию англисӣ шаклҳои шахсдори феъл тарз, замон, намуд ва сиға ба назар расида, нақши категорияи шахсу шумора дар категорияи замон воқеъ шудани амали шахсро дар кадом лаҳзаву давру замон нишон медиҳад;
- **муайян карда шудааст**, ки категорияи шахси феъл дар забонҳои таҳқиқшаванда се шахсро дар бар гирифта, аз ҳам фарқ мекунанд;
- **собит гардидааст**, ки дар таҳқиқи муқоисавӣ вазифаҳо ва роҳҳои ифодаи категорияҳои шахсу шумора дар забонҳои таҳқиқшаванда вижагиҳои умумӣ ва хос дорад. Вижагиҳои умумии онҳо дар ифодаи маъноҳои умумии категориявӣ зоҳир гардида, фарқи онҳо бештар дар вижагиҳои сохторӣ ва тарзҳои ифодаёбӣ дида мешаванд;
- **муқаррар карда шудааст,** ки дар вақти тарҷума намудани бандакҳои феълии забони тоҷикӣ ба англисӣ шахсу шумораи он тариқи аналитикӣ сурат мегирад. Дар забони англисӣ шахси дуюм “you” дар ҳар ду шаклҳои шумора истифода бурда мешавад, бинобар ин, муайян намудани шумора дар матн ба тариқи маъноӣ ошкор мегардад;
- **муайян карда шудааст**, ки анҷомаи дуюмдараҷа барои тарзи фоилии шахси сеюми шумораи дугона дар забони англисӣ мавҷуд буд: [ajivtm, ajivatam]; [uba ajivatan] – онҳо (ду кас) якҷоя меистанд;
- **дақиқ шудааст**, ки дар давраи бостон фарқи миёни забонҳои тоҷикию англисӣ бештар дар шумораи феъл зоҳир ёфта, дар форсии бостон

фарогири 3 шумора ва дар англисии бостон фарогири ду шумора мебошад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** асарҳои илмию назариявии муҳаққиқону забоншиносони ватанӣ, аз ҷумла М.Н. Қосимова, С. Ҳалимиён, С. Ҷоматов, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Ҳ. Саймаҳмадов, З. Мухторов, Ж. Гулназарзода, С. Мирзозода, Ҳ.А. Саидзода, Р. Шодиев, М. Саломиён, Э. Исмоилзода, Р. Усмонов, Ф. Баротзода, А. Тошов, Г. Н. Расулова, М. Э. Азизова, М.Н. Усмонова, Л.Ш. Малихина, С.Д. Холматова, Г.Т. Қулматова, Б. Муродов ва дигарон ташкил медиҳанд, ки ҳар яке дар баррасӣ ва таҳқиқи феъл арзишманд ба шумор мераванд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия асарҳои олимони Русия ва Аврупо, ба монанди В.В. Виноградов, В.Д. Аракин, инчунин, осори забоншиносони тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов ва дигарон истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияи мазкурро ҳангоми ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ оид ба дастурии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷума метавон истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаҳои он метавонад ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳангу луғатномаҳо дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ муфид бошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, вожаю истилоҳоти грамматикӣ, таъини тарҳи кор, навиштани мақолаҳо мустақилияти андеша дорад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2024 дар бораи сазовор донистани Ҳусайнова Фарида Бозоровна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №363/шд), аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

28.11.2024.